آوازتاجیک
*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*
Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

22 феврали соли 2023
Чоршанбе
№ 15 (14923)
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ДАР ҲАМКОРИИ ЎЗБЕКИСТОН – МИСР ДАВРАИ НАВ ОҒОЗ МЕЁБАД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Мисри Араб Абдулфаттоҳ ас-Сиси 20-21 феврал бо сафари расмӣ ба ин кишвар ташриф овард.**



*Қоҳира, 21 феврал. Хабарнигори махсуси ЎзА Зиёдулла Ҷонибеков хабар медиҳад.*

Ўзбекистон ва Миср ҳарчанд аз ҳамдигар дур ҷойгир шуда бошанд ҳам, вале онҳоро муштаракоти таърихию фарҳангӣ, дўстии анъанавӣ ва шарикии наздик муттаҳид мекунад. Сафари нахустини сарвари давлатамон ба ин кишвар аз он ҷиҳат муҳим аст, ки бо дарназардошти талаботи замон ба рушди робитаҳои қадима дар асоси нав хидмат мекунад.

Аз ин сафари таърихии Президент натиҷаҳои бузург интизоранд. Миср барои мо ҳамчун дарвозаи пайвасткунанда бо ҳамаи кишварҳои минтақаи Африқо ҳисоб меёбад. Инчунин ин кишвар дар соҳаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия таҷрибаи ғанӣ дорад.

Ўзбекистон ва Миср дар ҳудудҳои худ муҳити тиҷорати фаъоли иқтисодӣ, сармоя ва логистика фароҳам меоранд. Бо муттаҳид кардани ин потенсиал бозорҳои нав ба вуҷуд меоянд.

Воқеаҳои асосии сафар 21 феврал сурат гирифтанд.

Дар қасри «Ал-Иттиҳодия»-и Қоҳира маросими тантанавии истиқболи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев баргузор гардид.

Дар майдони назди қаср ба шарафи меҳмони олиқадр қаровули фахрӣ саф ороста буд. Президенти Миср Абдулфаттоҳ ас-Сиси сарвари давлати моро самимона истиқбол намуда, ба шоҳсуфа даъват намуд.

Дар иҷрои оркестри ҳарбӣ гимнҳои давлатии ду кишвар садо доданд.

Сипас сарони давлатҳо аз назди сафи қаровули фахрӣ гузашта, аъзои ҳайатҳои расмиро хайрамақдам гуфтанд.

Дар қасри «Ал-Иттиҳодия» музокироти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Мисри Араб Абдулфаттоҳ ас-Сиси баргузор гардид.

Сарони давлатҳо масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкории Ўзбекистону Мисрро муфассал баррасӣ намуда, ба мувофиқа расиданд, ки муносибатҳоро ба сатҳи шарикии ҳамаҷониба мебароранд.

Мавзўъҳои калидии музокирот густариши куллии ҳамкориҳо дар соҳаҳои сиёсат, таъмини амният, тиҷорат ва кооператсияи саноатӣ, инчунин вусъат додани равобити фарҳангиву гуманитарӣ ва таълимӣ гардид.

Президентҳо ҳамоҳанг будани ислоҳотеро, ки дар доираи нақшаи стратегии Миср «Нигоҳ-2030» ва Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав татбиқ мегарданд, таъкид намуданд.

Сарвари давлати мо Президенти Мисрро ба муносибати бомуваффақият баргузор шудани ҳамоиши байналмилалии COP-27 оид ба тағйирёбии иқлим табрик гуфт.

Зимни музокироти роҳбарон рушди босуръати муносибатҳои дуҷониба, фаъол шудани муколамаи васеи сиёсӣ, расондани дастгирии мутақобила дар доираи созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили СММ, СҲИ, СҲШ ва Ҷунбиши бетарафӣ, вусъат додани алоқаҳои байнипарлумониро бо қаноатмандӣ қайд намуданд.

Ҷонибҳо дар мубодилаи таҷриба дар самти мубориза алайҳи коррупсия, муқовимат ба чолишҳо ва таҳдидҳои замонавии амниятӣ ва дастгирии мутақобилаи ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба субот ва барқарор намудани Афғонистон изҳори ҳавасмандӣ карданд.

Дар музокирот ба рушди ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд. Президентҳо ба натиҷаҳои чорабиниҳои корчаллонии Ўзбекистону Миср, ки дар арафаи сафари сарвари давлатамон баргузор гардид, баҳои баланд доданд.

Дар фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояҳои мутақобила тавофуқ ҳосил шуд. Бо дарназардошти хусусияти мукаммалкунандаи иқтисодҳои ду кишвар панҷ самти мушаххаси ҳамкорӣ дар саноати газу кимиё, нассоҷӣ, электротехника, заргарӣ ва дорусозӣ муайян шуданд.

Барои рушди кооператсияи саноатӣ ва ба роҳ мондани истеҳсолоти муштараки сердаромад пешниҳод шуд, ки аз имкониятҳое, ки дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ўзбекистон мавҷуданд, истифода намоянд.

Дар мулоқот дурнамои татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар сектори энергетикӣ, инчунин чораҳо оид ба рушди хатсайрҳои нақлиётӣ, ки Ўзбекистон ва Мисрро мепайвандад, баррасӣ шуданд.

Аҳамияти густариши робитаҳои фарҳангиву гуманитарӣ ва динӣ қайд гардид. Дар бораи вусъат додани ҳамкорӣ дар соҳаи тайёр кардани мутахассисони забони арабӣ созиш ҳосил гардид. Президенти Ўзбекистон пешниҳод кард, ки дар соли 2024 якҷоя Форуми ҷаҳонии арабшиносон ташкил карда шавад.

Сарони давлатҳо ҳамчунин доир ба масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули афкор намуданд.

Мулоқот дар вазъияти ошкоро, гарму ҷўшон ва дўстона гузашт. Дар анҷоми мулоқот Шавкат Мирзиёев Абдулфаттоҳ ас-Сисиро даъват кард, ки ба кишвари мо ташриф орад.

Дар доираи сафари Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Мисри Араб маросими имзои ҳуҷҷатҳо оид ба ҷамъбасти музокироти Ўзбекистону Миср дар сатҳи олӣ баргузор гардид.

Сарони давлатҳо Изҳороти муштаракеро қабул карданд, ки ба васеъ гардондани ҳамкорӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, сармоягузорӣ, фарҳангӣ ва таълим нигаронда шудааст.

Дар ҳузури президентҳо инчунин як қатор ҳуҷҷатҳои дуҷониба низ ба имзо расиданд, ки рушди ҳамкориҳои байни вазоратҳои корҳои хориҷӣ, инчунин вазоратҳои сармоягузорӣ, саноат ва савдои Ҷумҳурии Ўзбекистон ва сарраёсати оид ба сармояҳои Миср, ҳамкорӣ дар соҳаи карантин ва ҳифзи рустаниҳо, ташкили нигаҳдории тандурустии ҷамъиятӣ, ҷалби сармояҳо ва таҳкими муносибатҳои дуҷонибаи сармоягузорӣ, танзими техникӣ ва мубодилаи таҷриба оид ба масъалаҳои рушдро пешбинӣ менамоянд.

Инчунин байни Маркази тамаддуни исломии Ўзбекистон ва Донишкадаи шарқшиносии ба номи Абўрайҳон Берунии Ўзбекистон бо Китобхонаи миллӣ ва бойгонии Миср низ ёддоштҳои ҳусни тафоҳум ба имзо расид.

Бинобар натиҷаҳои музокирот дар сатҳи олӣ Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Мисри Араб Абдулфаттоҳ ас-Сиси барои воситаҳои ахбори оммавӣ баёнот доданд.

Сарвари давлатамон барои истиқболи самимӣ ва меҳмоннавозӣ нисбати ҳайати Ўзбекистон дар сарзамини бостонӣ ва нотакрори Миср миннатдории амиқ баён кард. Қайд гардид, ки Ўзбекистон аз дастовардҳои бузурги роҳбарият ва мардуми Миср самимона шод аст.

Дар ҷараёни музокирот роҳбарони ду давлат якдилона ибрози назар карданд, ки барномаҳои васеъмиқёси ислоҳот – Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав ва «Ҷумҳурии Нав» дар Миср умумияти зиёд доранд, корҳо дар самти таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва коҳиши камбизоатӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва рушди инфрасохтори шаҳрҳо ҳамоҳанг идома доранд.

– Мо ният дорем бо саъю кўшиши муштарак натанҳо байни кишварҳоямон, балки минтақаҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳими мо пули мустаҳками ҳамкориро бунёд кунем, – қайд кард роҳбари кишварамон.

Дар мулоқоти сарони давлатҳо масъалаҳои фаъолгардонии машваратҳои сиёсӣ, тавсеаи ҳамкориҳои гуногунҷанба дар соҳаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, сармоягузорӣ, нақлиётию логистикӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва амният муфассал баррасӣ шуданд.

Махсусан таъкид шуд, ки аз имконияту иқтидори бузурги мавҷудаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ба таври пурра истифода намебаранд, дар робита ба ин зарурати ба кор даровардани механизмҳои амалӣ ва чораҳои самарабахши афзоиши гардиши мол изҳор гардид.

Дар бораи муштарак татбиқ намудани лоиҳаҳои энергетикаи «сабз», коркарди хатсайрҳои оптималии нақлиётӣ, ки ду давлатро мепайвандад, истифодаи имкониятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ташкили парвозҳои мустақим ба мувофиқа расиданд.

Сарвари давлати мо бори дигар изҳори омодагӣ кард, ки барои ширкатҳои мисрӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои мутақобилан судманд дар кишвари мо тамоми шароитро фароҳам месозад.

Аҳд карда шуд, ки таҷрибаи дастгирии фаъолонаи ҳамдигар дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ идома дода шавад. Роҳбарон ба тавофуқ расиданд, ки бояд саъю кўшиш оиди ба эътидол овардани вазъият дар Афғонистон, мусоидат ба мардуми ин кишвар суст карда нашавад.

Халқҳои моро риштаҳои деринаи дўстӣ мепайвандад, ки дар умумӣ будани дин, монандии анъанаву урфу одатҳо ифода ёфтаанд. Ба ин муносибат қайд гардид, ки масъалаҳои мубодилаҳои илмӣ ва таълимӣ, якҷоя омўхтани таъриху фарҳанги умумии мо, пурзўр намудани равобити ҷавонон ва эҷодӣ доимӣ дар рўзномаи ҳамкории дуҷонибаи фарҳангию гуманитарӣ қарор хоҳад гирифт.

Дар ин ҷанба омодагӣ ба ташкили сафарҳои мутақобилаи шоирону адибон, арбобони санъат ва фарҳанг изҳор гардид.

Президенти кишварамон ташаббуси ташкил кардани ҷамъияти илмии дўстии олимони ду кишварро барои амиқ омўхтан ва дар байни ҷавонон тарғиб намудани ҳаёти ибратбахш ва мероси илмии олими бузург Аҳмад Фарғонӣ пеш гузошт.

Сарвари давлатамон дар анҷоми суханронии худ изҳори боварии қатъӣ намуд, ки натиҷаи ҳамоиши Ўзбекистону Миср муносибатҳои дуҷонибаро ба дараҷаи сифатан нав бароварда, ба манфиати халқҳои дўстамон ба онҳо хусусияти дарозмуддат мебахшад.

Бо ҳамин сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ба Ҷумҳурии Мисри Араб анҷом ёфт.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# БАЛАНД БАРДОШТАНИ ҲОСИЛНОКӢ – МАСЪАЛАИ МУҲИМ

***Ин масъала дар ҳамоиши онлайнӣ, ки аз ҷониби Созмони озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид (ФАО) ва Вазорати кишоварзии Ўзбекистон ташкил шуд, дар меҳвари гуфтугузор қарор гирифт. Ҳамоиши мазкур бо ширкати намояндагони вазоратҳои кишоварзии давлатҳои Осиёи Марказӣ ба вуқўъ пайваст.***

Гуфта шуд, ки дар давоми се даҳсолаи охир дараҷаи ҳосилнокии заминҳои таҳти кишти зироатҳо чандон қаноатбахш нест. Ин дар ҳоле мебошад, ки сол аз сол фаровонӣ доман густурдаву аз захираҳои ҳосилхези замин истифода сурат мегирад. Барои ҳамин ҷиҳати баланд бардоштани самаранокӣ ва экологии соҳаи кишоварзӣ, инчунин навсозии он аз деҳқонон ва маблағгузориҳои иловагӣ дар ин самт талаб карда мешавад.

Дар ҳамоиши машваратӣ намояндагони панҷ мамлакати Осиёи Марказӣ бо маблағҳои лозима таъмин намудани хоҷагии қишлоқ ва зиёд кардани истеҳсоли маҳсулотро масъалаи хеле муҳим арзёбӣ карданд.

Ба гуфтаи Владимир Рахманин, намояндаи минтақавии Созмони озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ равиши устувор, афзоиши ҳосилнокии кишоварзӣ метавонад ба беҳтар шудани амнияти озуқаворӣ ва таъмини ғизо дар Осиёи Марказӣ мусоидат намояд.

– Барои фаъолияти устувори соҳаи кишоварзӣ ва рушду ривоҷи он, дар баробари истифодаи манбаъҳои дохилӣ, инчунин аз манбаъҳои молии беруна низ ба таври васеъ бояд истифода бурд. Ҷалби сармояҳои калони хориҷӣ дар пешрафти он хеле заруранд, – гуфт вазири кишоварзии Ўзбекистон Азиз Воитов. – Танҳо ҷорӣ кардани технологияҳои гаронбаҳои замонавӣ ва усулҳои инноватсионӣ метавонанд ҳосилнокии заминҳоро таъмин кунанд, ки он ҳаргиз бе ҷалби сармояҳо ғайриимкон мебошад. Рушди инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар деҳот ва сармоягузорӣ барои афзоиши неруи инсонӣ ва салоҳияти кишоварзон ҳатман мадади калон хоҳад расонд.

Дар ҳамоиш ба чунин натиҷа расиданд, ки ба даст овардани ҳосили баланди кишоварзӣ аз деҳқонон бо истифода аз маблағҳои қобили мулоҳиза ҷорӣ кардани технологияҳои нав, захираҳо, таҷҳизоти кишоварзӣ ва усулҳои муосири парвариши чорворо низ тақозо менамояд. Вазирони кишварзӣ нақшаҳои маблағгузории инноватсионӣ барои мусоидат ба рушди ин соҳаро дар доираи васеъ баррасӣ карданд.

Дар ҷараёни ин ҳамоиш иштирокчиён равишҳои муосири собитшудаи тақсими маблағҳои давлатиро низ ба доираи мубодилаи афкор кашиданд. Сармоягузорӣ барои инфрасохторҳо (роҳҳо, системаҳои обёрӣ), пешбурди таҳқиқоту таҳсилоти кишоварзӣ ва идоракунии беҳтари захираҳои табиӣ аз ҳамин шумор хонда шуданд. Илова бар ин, тағйирот дар системаи андоз, субсидияҳои мустақим ва ғайримустақим, тарифҳо ва квотаҳои воридотӣ низ метавонанд ба рушди бахши кишоварзӣ таъсири назаррас расонанд.

Вазирони кишоварзии давлатҳои Осиёи Марказӣ аз тавсияҳои Созмони озуқа ва кишоварзии СММ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ, аз қабили Бонки осиёии рушд, Бонки аврупоии таҷдид ва рушд, Бонки авруосиёии рушд, Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ, Бонки исломии рушд ва Бонки ҷаҳонӣ бархурдор гардиданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



*Дар рушди саноати мебел дар асоси технологияи замонавӣ саҳми соҳибкорон эҳсосшаванда буда, онҳо маҳсулоти худро баробари бозори дохилӣ дар бозори ҷаҳонӣ мефурўшанд.*

*Соҳибкор аз ноҳияи Когони вилояти Бухоро Беҳрўз Хайруллоев дар ин соҳа таҷрибаи бой дорад. Таҳти роҳбарии ў корхонаи «Чинор мебел» 40 намуд маҳсулоти хушсифат истеҳсол менамояд. Анъанаи «устод-шогирд» ва рўҳбаландии моддии устоён ба натиҷаҳои баланди меҳнатӣ мусоидат месозад. Айни замон ҶММ «Сарбон мебел барака», ки аз субъектҳои дигари соҳибкорист, дар минтақа ҷиҳати истеҳсоли мебели хушсифат комёбиҳо ба даст меоварад. Маҳсулоти сехҳои он серхаридор аст.*

***Дар сурат:*** *яке аз корхонаҳои мебелбарорӣ дар Бухоро.*

***Суратгир: Т. ИСТАТОВ (ЎзА).***

# ТАРҒИБГАРОНИ САЛОҲИЯТИ САЙЁҲИИ МАМЛАКАТ

***21 феврал дар саросари олам ба сифати «Рӯзи ҷаҳонии роҳнамоён (гид)-ҳо» таҷлил карда мешавад. Дар шаҳри Тошканд «Форуми 6-уми гидҳо» низ бахшида ба ҳамин рӯз баргузор гардид ва таҳти унвони «Фаъолияти экскурсионӣ: ҳамкорӣ ва инноватсияҳо» сурат гирифт. Муассисони ин чорабинии доманфарох Вазорати фарҳанг ва сайёҳии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Институти илмию тадқиқотӣ оид ба омӯзиши масъалаҳои объектҳои мероси фарҳангӣ ва рушди сайёҳӣ муаррифӣ шуданд.***

Дар ин форум беш аз 250 роҳнамоён аз соири вилоятҳои кишварамон гирдиҳам омаданд, ки аз бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ намояндагӣ карданд. Онҳо дар атрофи масъалаи дурнамои рушди яке аз самтҳои муҳими соҳаи сайёҳӣ – экскурсия табодули афкор намуданд ва ба ҳамдигар пешниҳодҳои худро ироа карданд.

Муовини вазири фарҳанг ва туризми Ҷумҳурии Ӯзбекистон Муродҷон Маҷидов гуфт, ки дар муаррифии ҳарчи бештари Ӯзбекистон ва гӯшаву канори он роҳбаладон ва тамоми кормандони соҳаи туризм нақши муҳим мебозанд. Барои ҳамин онҳо ин рисолатро бояд бо тамоми вуҷуд эҳсос намоянд.

Ногуфта намонад, ки соҳаи сайёҳӣ ғайр аз гидҳои касбӣ, инчунин тарҷумонҳои дорои таҷрибаи чандинсола, нозирони ботаҷриба, роҳбаладон, олимони маъруф, дар айни ҳол коршиносони байналмилалӣ ва амсоли онро низ тақозо менамояд. Барои ҳамин дар ҷараёни ин форум ба рушди кадрҳои босалоҳияти касбӣ низ таваҷҷуҳи хос сурат гирифт. Маълум шуд, ки соҳаи сайёҳии Ӯзбекистон дар солҳои охир ба пешрафти хеле бузург ноил мешавад ва дар ин раванд ҳамеша эҳтиёҷ ба чунин кадрҳо беш аз пеш рӯ ба афзоиш хоҳад овард.

Алушка Ритчи – раиси Федератсияи иттиҳодияҳои роҳбаладони сайёҳии ҷаҳон гуфт, ки Ӯзбекистон дар Осиёи Марказӣ барои ҷалби бештари сайёҳон имкониятҳои фаровонро соҳиб мебошад.

– Ҳар як фарди олам орзуи омадан ба шаҳрҳои бостонии шумори дар сар мепарварад. Дидани Самарқанду Бухоро, Хеваву Шаҳрисабз барин шаҳрҳои қадима ва ёдгориҳои таърихиву меъмории он хеле ҷолибу шавқангезанд, – изҳор намуд Алушка Ритчи.

Тавре ки ба мушоҳида расид, иддае аз маърӯзачиён назари худро оид ба рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ ҳамчун як бахши стратегии иқтисодиёти ҷумҳурӣ, дурнамои ташаккули диверсификатсия ва босифати ҷомеаи касбии гидҳо баён карданд. Дар баробари ин, масъалаҳои дигари муҳим ва барои замон мувофиқ ба таври васеъ баррасӣ гардид. Дарвоқеъ, аксари маърӯзачиён маҳз масъалаи тайёр кардани кадрҳои босалоҳиятро дар меҳвари гуфтугӯ қарор доданд ва барои ояндаи туризми мамлакатамон онро басо шоиста арзёбӣ карданд.

Дар чаҳорчӯби Форум намоишгоҳи китобҳои «Саёҳат бо китоб» ташкил карда шуд, ки муҳтавои аксари ин китобҳо доир ба самтҳои гуногун (таърих, бостоншиносӣ, диншиносӣ, мавзӯъҳои махсус ва ғайра) нигаронида шуда, Ӯзбекистонро ба чашми ҳар як сайёҳ аз ягон паҳлӯ муаррифӣ мекунад. Бешубҳа, ин намуди китобҳо ҳам барои роҳбаладони касбӣ ва ҳам барои мутахассисони соҳаи туризм низ ҳамчун манбаъи боэътимод хидмат хоҳанд кард.

Илова бар ин, дар ярмарка навгониҳои нашриётҳои пешрафтаи ҷумҳуриявӣ ва пажуҳишгоҳҳои илмӣ, инчунин нусхаҳои таҷҳизоти махсус барои аҳли экскурсия ва ғайра ба намоиш гузошта шуданд.

Гуфта шуд, ки баргузории ин форум ба рушди ҳамкориҳои гуногун такони нав хоҳад бахшид ва имкон хоҳад дод, ки технологияҳои инноватсионию фарҳангии ояндадор мавриди муаррифӣ қарор мегиранд ва лоиҳаҳои таълимӣ ба ҷомеаи сайёҳон ва мутахассисони он ҳамчун дастуруламал хидмат мекунанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**




# НАМОЯНДАГОНИ САМАРҚАНД ДАР ЯРМАРКАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ИШТИРОК КАРДАНД

***Дар шаҳри Тел-Авиви Исроил намоишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ – The International Mediterranean Tourism Market IMTM-2023 баргузор шуд, ки дар он тақрибан 50 кишвари ҷаҳон ширкат варзиданд.***

Дар ин тадбири муҳими байналмилалӣ намояндагони соҳаи сайёҳии вилояти Самарқанд – маркази «Silk Road Samarkand» ва ширкати ҳавопаймоии «Air Marakanda» иштирок карданд. Онҳо ҳамзамон бо намоиш ва пешниҳоди маҳсулоту хидматрасониҳои худ, салоҳияти сайёҳии Ӯзбекистонро низ нишон доданд.

– Ин намоишгоҳ барои кишвари мо хеле муҳим аст, – гуфт ҷонишини сардори Сарсадорати туризм ва мероси фарҳангии вилояти Самарқанд Ҷасур Раҳмонов. – Медонед, Маркази байналмилалии сайёҳии «Silk Road Samarkand» имрӯз аз чор гӯшаи ҷаҳон ҳазорон сайёҳро ба худ ҷалб мекунад. Бовар дорам, ки ин тадбир барои ошно шудани сайёҳони исроилӣ ва ҷаҳонӣ бо салоҳияти сайёҳӣ ва маданияти Ӯзбекистон имконияти хубе хоҳад буд. Дар доираи тадбир бо чанд ширкати байналмилалӣ вохӯриҳои дуҷонибаро баргузор кардем, созишномаҳо имзо намудем.

Намояндагон барои иштироккунандагон маводу навори гуногун ва албомҳое, ки аз маданияти Ӯзбекистон ҳикоят мекунанд, тақдим карданд. Ҳунарнамои гурӯҳи созҳои миллӣ низ ба ҳозирон хеле писанд омад.

Ҳамчунин, дар чорчӯби намоишгоҳ намояндагони Сарсадорати туризм ва мероси фарҳангии вилояти Самарқанд ва ҳокимияти шаҳри Волоси Юнон созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳиро имзо карданд.

Мулоқоти кории намояндагони Ӯзбекистон бо вакилони соҳаи сайёҳии кишварҳои узви Ярмаркаи байналмилалии сайёҳӣ ба пешрафти салоҳияти сайёҳии вилояти Самарқанд хидмат мекунад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Баъди сафари Президент*

# КОРҲОИ АМАЛӢ ОҒОЗ ЁФТАНД

Президенти ҷумҳурӣ Шавкат Мирзиёев сафари худро ба вилояти Ҷиззах аз, боздиди хоҷагии фермерии «Пахтакор элита уруғчилиги» шурӯъ намуд. Сарвари давлат ҳанӯз моҳи октябри соли 2022 зимни ба вилояти Сирдарё рафтан дар канори заминҳои корам, атрофи хоҷагиҳо, дар саҳро сохтани хонаҳои истиқоматиро бо истифода аз маcолеҳи сабуки бинокорӣ, кишт ва парвариши ҳар гуна зироат, маҳсулоти лубиёгӣ, ба роҳ мондани мурғпарвариро дода буд.

Аз рӯи ҳамин гуфтаҳо дар хоҷагии фермерии тухмипарварии «Пахтакор элита уруғчилиги» низ, фермерон хонаи ихчам бунёд намуда, бомашро бо панелҳои офтобӣ муҷҷаҳаз сохтаанд. Хоҷагӣ сад гектар майдон дорад. Дар 40 гектар тухмии пахта, дар 40 гектар тухмии ғалла, ба қисми боқимонда соя, юнучқа мекоранд. Дар атрофи кишт дарахтони тут, ток шинонда сабзондаанд. Барги тут ба кирми пилла ғизост. Дар назди дарахтон қуттиҳои оруи асал гузоштаанду мурғхонаи хурд сохтаанд.Коргарони хоҷагиро бо хӯроки серғизо: гӯшт, равған, асал таъмин мекунанд.

Ҷонишини Спикери палатаи Қонунофарии Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон, роҳбари Фраксияи Ҷунбиши корчаллонҳо ва соҳибкорон – Ҳизби либералӣ-демократии Ӯзбекистон, раиси Шӯрои хоҷагиҳои фермерӣ-деҳқонӣ ва соҳибони қитъаҳои замини наздиҳавлигии ҷумҳурӣ Актам Ҳайитов ба вилояти Ҷиззах омада бо фермерон вохӯрд. Дар ин мулоқотҳо ӯ ҳамроҳи фермерон, депутатҳо пешниҳодҳои Сарвари давлатро, ки доир ба саноатикунонии хоҷагии қишлоқ, аҳамияти кластерҳо, бо роҳи афзун додани шумораи корхонаҳои калобаресию нассоҷӣ ва ташкили хонакорӣ, коҳиш додани дараҷаи бекории аҳолӣ, хоса ҷавонон ба миён гузошта буд, мавриди баррасӣ қарор доданд.

– Мо аз ин пас ин таҷрибаи пешқадамро, ки натанҳо ба аҳли вилоят, балки ба тамоми ҷумҳурӣ тааллуқ дорад, ба амал ҷорӣ мекунем, – мегӯяд фермер, Қаҳрамони Ӯзбекистон Анорбой Эшматов. – Ҳоло вазифаи бо шуғли доимӣ банд намудани қариб 13 ҳазор қишри бекори аҳолӣ дар назди мо истодааст, ки аз ҳар як кас, чи соҳибкору чи фермер, сарвари ҳар як корхонаву муассиса масъулияти бештар мехоҳад.

Президенти ҷумҳурӣ ҳини вохӯрӣ ва мулоқот бо фаъолон, мутасаддиён инро таъкид карда буд:

«Як вақтҳо ҳатто як гектар заминро ба мардум додан мумкин набуд. Ҳоло 200 ҳазор гектар замин ҷудо кардем. Барои чӣ? Баҳри ба одамон манбаи даромад шудан. Акнун «қарс аз ду даст баромаданаш лозим», – гуфт ӯ.

Собиқадори меҳнат Парда Шукуров мегӯяд, ки танҳо дар як маҳаллаи Работи ноҳияи Шароф Рашидов қариб ҳазор гектар замин ба аҳолӣ, бештар ба ҷавонон ним, як гектарӣ тақсим карда дода шудааст. Аз ин заминҳо самаранок истифода мебаранд ва тарафт некуаҳволии худро беҳ мегардонанд. Бо як сухан работиён бой мегарданд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ФАБРИКАИ ДӮЗАНДАГӢ ДАР НОҲИЯИ ОЛОТ

***Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Parvoz quruvchi»-и ноҳияи Олот солҳои охир бо шабакаҳои истеҳсолии худ ба натиҷаҳои назаррас ноил мегардад. Ин корхона соли 2020 мувофиқи Барномаи «Деҳаи обод» дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Арабхона» ба заводи истеҳсоли равғани пахта асос гузошт. Дар натиҷаи ба роҳ мондани технологияи истеҳсол ва қадоққунии равған дар ин ҷо 128 нафар аҳолии маҳаллӣ соҳиби кор гаштааст.***



Имрӯз дар ин ҷо дар як шабонарӯз 150 тонна, дар як моҳ 3,5 ҳазор тонна пунбадона аз нав коркард шуда, баробари равғани хушсифат барои чорво кунҷола, широту шелуха истеҳсол карда мешавад. Ҷамъият нимаи дуюми соли гузашта аз ҳудуди маҳаллаи «Наврӯз»-и маркази ноҳия замин гирифта, дар 10 сотихи он сохтмони биноя сеошёнаро оғоз карда буд. Бо ин мақсад корхона аз шуъбаи вилоятии «Ипотекабонк» ба миқдори 3 миллион доллари ИМА кредит гирифта, 2 миллиард сӯми онро барои фабрикаи пешбинишудаи дӯзандагӣ сарф кард. Баъд ба фабрика аз Хитой мошинҳои замонавии дарздӯзӣ ва таҷҳизоти дигар оварда шуд. Дар натиҷа ошёнаҳои якуму дуюм бо 121 мошини дарздӯзӣ ҷиҳозонида шуда, фабрика ба кор сар кардааст. Ҳоло дар ин ҷо 130 нафар занону духтарони ҳунарманде, ки шомили «Дафтари оҳанин», «Дафтари бонувон» ва «Дафтари ҷавонон» гардида буданд, баъди озмоиш ба кор қабул карда шуданд. Иқтидори солонаи корхона ба истеҳсоли 50 ҳазор дона либоси гуногун, ё ки қимати умумии онҳо ба 10 миллиард сӯм баробар аст. Рӯзҳои охир ҷамоаи фабрика бо иҷрои дархости ҳамкорони русиягии худ – тайёр кардани сару либоси бонувон ба андозаи 2 миллион доллари ИМА машғул аст. Содироти маҳсулот рӯзҳои наздик сурат мегирад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

## *ХАБАРҲО*

### Нуқтаҳои автомобилгузории бисёрошёна дар пойтахт

***Дар асоси қарори роҳбари давлати мо «Дар бораи чораҳои ислоҳи сохтори нақлиёти ҷамоатӣ» аз 16 феврали соли равон дар шаҳри Тошканд нуқтаҳои автомобилгузории бисёрошёна барпо карда мешаванд.***

Муассисаи махсуси давлатӣ ба ин кор масъул мегардад. Қитъаҳои замин барои нигоҳдошти автомобилҳо бевосита ҷудо карда шуда, ба шарти тағйир надодани соҳаи объектҳо ба соҳибкорон супурда мешавад.

Вазорати сохтмон ва хонаву ҷой якҷо бо ҳокимияти шаҳри Тошканд, Вазорати нақлиёт, Вазорати иқтисодиёту молия дар муддати як моҳ бобати тасдиқи тартиби сохтмон лоиҳаро ба Девони Вазирон тақдим менамояд.

Даставвал барои барпои нуқтаҳои автомобилгузории бисёрошёна чаҳор манзил, ки дар онҳо автомобилҳои зиёд ғун мешаванд, интихоб мегардад.

Пештар низ оиди барпои ин гуна объектҳо дар вокзали шимолӣ, аэропорт ва назди бозорҳои калон нақшаҳо эълон шуда буданд. Вале онҳо бо сабабҳои гуногун амалӣ нагаштанд. Акнун дар доираи ҳукуматӣ лоиҳаҳое, ки аҳамияти муҳимро моликанд, ба ҳаёт татбиқ карда мешаванд.

### Ташкили маҳфилҳои касбӣ дар муассисаҳои таълимӣ

***Дар фармони Президентамон аз 28 январи соли 2022 «Дар бораи Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026» вазифаҳо оиди фарогирии донишандӯзон ба касб, ройгон ташкил намудани фаъолияти маҳфилҳо дар муассисаҳои таълимӣ вазифаҳои мушаххас муайян карда шудаанд.***

Навъе Вазорати томактабӣ ва мактаб маълум менамояд, бобати ташкил намудани 100 ҳазор адад маҳфилҳо дар муассисаҳои таълимӣ корҳо оғоз ёфтаанд. Барои амалӣ гардондани ин мақсад аз буҷаи давлатӣ 79,5 миллиард сӯм ҷудо гардидааст.

Барои аниқ сохтани самти маҳфилҳои касбӣ байни падару модарон пурсишот ҷорӣ шуда ва фикри онҳо ба эътибор гирифта мешавад.

### Боз як бинои замонавии тиббӣ дар Сӯх

***Номгӯйи манзилноки лоиҳаҳои ҳудудии сармоявӣ, ки дар солҳои 2022-2023 дар ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона бояд татбиқи амалии худро ёбад, тасдиқи худ ёфта ва ҳаракатҳо дар роҳи ба амал баровардани ҷамъ 48-то лоиҳа, ки 152 миллиарду 600 миллион сӯм арзиш доранд, аллакай самараи худро нишон медиҳад. Ташкили 574 ҷои нави корӣ ба нақша даромадааст.***

Дар ҳамин асос ҶММ «SO`X NUR SHIFO KLINIKASI» лоиҳаи хидматрасонии тиббиро амалӣ гардонида ва барпои 10 ҷои нави кориро назди худ мақсад гузоштааст.

Имрӯзҳо бинои дуошёнаи замонавӣ дар деҳаи Зангат қад меафрозад. Арзиши умумии лоиҳа – 1,5 миллиард сӯм.

Иншооти мазкур дар арафаи ба истифода супоридан аст.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ҚАДАМИ ИСЛОҲОТ БА ГӮШАҲОИ ДУРДАСТ НИЗ МЕРАСАД

***Ободу ба талаби замона мувофиқ гардондани рӯзгори мардум аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ислоҳоти иқтисодӣ мебошад, ки кунун ҳукумати ҷумҳурӣ дар саросари мамлакатамон роҳандозӣ кардааст.***

Ислоҳот тамоми соҳаҳои ҳаётро фаро гирифта, мурод аз он сохтани коргоҳҳои замонавӣ, суръат бахшидан ба ҳаҷми истеҳсоли маводи мавриди ниёзи мардум, зиёд кардани ҳосилнокии меҳнат, таъмини қишри ҳанӯз бекори аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ, беҳбуд бахшидани некуаҳволии мардум ва баланд бардоштани қадри инсон дар ҷомеа аст. Президенти кишвар Шавкат Мирзиёев дар Мурожиатномаи худ ба мардуми ҷумҳурӣ изҳор дошта буд, ки дар ҷомеа бояд инсон мақоми баланд дошта бошад. Дар ҷомеае, ки ба қадри инсон мерасанд, ба ҳама гуна пешрафтҳо ноил метавон шуд.

Қадами ислоҳоти густурдаи иқтисодӣ кайҳост, ки ба шаҳру навоҳии вилояти Қашқадарё низ расида, даҳҳо коргоҳҳои ҷавобгӯи талаботи замон бунёд мееёбанд. Хусусан барои беҳбудии некуаҳволии бошандагони маҳаллаҳои дур аз маркази ноҳияҳо корҳои шоёне иҷро мешаванд, ки боиси хушҳолии мардуми таҳҷоӣ мегардад. Ноҳияи Шаҳрисабз аз гӯшаҳои зебои ватанамон аст, ки имрӯз ба туфайли иҷро гардидани лоиҳаҳо дар робита ба ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоӣ хеле пешрафт кардааст. Ҳукумати маҳаллӣ диққати худро ба ободонӣ ва некуаҳволии мардуми он маҳаллаҳо равона сохтааст, ки дур аз ободиҳо зиндагӣ мекунанд ва тӯли даҳсолаҳо аз назарҳо афтода буданд. Ҳокими ноҳия Самад Ҳасанов бо зиндагии сокинони маҳаллаи «Биғми» шинос шуда, барои ҳалли муаммоҳо азм намуд. Барои беҳбудии зисти онҳо бунёд кардани нуқтаҳои замонавии хидматгузории маишӣ, маркази тафреҳӣ барои куҳансолон ва марказҳои ҳунармандиро зарур шуморид. Идораи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Биғми» то кунун дар бинои кӯҳнаи мактаби рақами 46 ҷой гирифта буд. Ҳоло бо ташаббуси ҳокими ноҳия бо роҳи ҳашар бунёд кардани як бинои нави замонавӣ оғоз гардид.

Деҳаи Кӯли ноҳияи Шаҳрисабз зиёда аз 100 километр дуртар аз марказ ҷой гирифта, яке аз баландтарин нуқтаҳои кишварамон аст. Қадами ислоҳот ба ҳамин гӯшаи дурдаст низ расидааст. Ҳоло барои бошандагони ин маҳал як бинои замонавии муассисаи томактабӣ ва нуқтаи тиббии оилавӣ бунёд мешавад. То ин дам аҳолии деҳаи Кӯл орзу дошт, ки соҳиби як нуқтаи хидматрасонии тиббӣ бошад. Роҳи дур аз ободиҳо ҳамеша боиси сарсониҳо мешуд. Барои сохта ба истифода додани бинои нуқтаи тиббии оилавии мазкур, ки 50 ҷойи қабул дорад, 1,870 миллион сӯм маблағ ҷудо шудааст. Алҳол корҳои рангубори бино идома доранд.

Ҳамчунин дар ҳудуди ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Полмон» бар ивази 1,849 миллион сӯм бинои нави поликлиникаи оилавии №39 барпо меёбад, ки дар сурати ба истифода дода шудани он бошандагони маҳаллаҳои «Улоч» ва «Шакартери» ҳам аз хидмати босифати тиббӣ баҳраманд мешаванд. Дар ин се маҳаллаи ноҳияи Шаҳрисабз 12 ҳазору 614 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд.

Бояд таъкид кард, ки дар ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаи «Танхоз» ва «Тепар» сохтмони биноҳои муассисаҳои томактабӣ идома доранд.

Ба роҳ монда шудани ин лоиҳаҳо боиси беҳбуд ёфтани ҳаёти мардум хоҳанд гашт.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

***Дар доираи панҷ ташаббуси неке, ки бо ибтикори Президент дар ҳаёт татбиқ карда мешавад, ба кор таъмин кардани бонувон, бартараф сохтани муаммоҳои иҷтимоие, ки дар давоми солҳо онҳоро ба ташвиш меорад, эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Хусусан, аз ҳисоби ташкил кардани корхонаҳои дӯзандагӣ таъмини шуғли аҳолӣ беҳтар карда шудааст.***

# ДАР ОҚОЛТИН КОРХОНАИ НАВ БА КОР ШУРӮЪ КАРД

Дар ноҳияи Оқолтини вилояти Сирдарё Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Оқолтин Мега Текстил» ба кор шурӯъ кард. Дар маросими кушодашавии он ҳокими вилоят Акмалҷон Маҳмудалиев ширкат варзида, таъкид намуд, ки бо таъмини шуғли аҳолӣ барои онҳо шароити ҳаёти фаровон фароҳам оварда хоҳад шуд.

Дар корхона 170 ҷойи нави корӣ офарида шудааст. Барои сохтмони корхонаи мазкур 2 миллиард сӯм маблағ сарф гардида, аз Чин мошинҳои дӯзандагии дорои тамғаи охир оварда насб карда шуд. Ҳама навъҳои маҳсулоти истеҳсолшуда аз нахи пахтаи маҳаллӣ тайёр шуда ба Русия, Қазоқистон ва дигар кишварҳои ИДМ содир карда мешавад. Арзиши умумии лоиҳавии корхона 278,1 миллиард сӯмро ташкил намуда, иқтидори истеҳсоли солона 25 миллиард сӯмро ташкил медиҳад.

— Алҳол дар ноҳия лоиҳаи мо амалӣ гардида, барои бо шуғл таъмин кардани занону духтарон шароит фароҳам омад, — мегӯяд роҳбари Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Оқолтин Мега Текстил» Саврон Носиров.

– Бояд таъкид намуд, ки корхона пеш аз ҳама, занону духтарони бекорро, ки ба «Дафтари занон» ва «Дафтари ҷавонон» дохил шудаанд, бо кор таъмин намуд. Дар давоми моҳ ба тартиби муайяншуда ҳаққи кор пардохт карда мешавад.

Дар ҳудуде, ки корхона ба фаъолият шурӯъ кардааст, дар асоси лоиҳаҳои намунавӣ манзилҳои зисти арзон қад рост намуда, он ҷо ба мавзеи калон табдил меёбад. Либосҳои корхонаи нав фармоишгарони худро дорад. Ҳамчунин, пешбинӣ гардидааст, ки маҳсулоти номгӯи васеи аз ҷониби чеварони гулдасти оқолтинӣ омодашаванда ба давлатҳои ҳамсоя низ содир карда шавад.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

# МАКТАБИ РЕЖИССЁРИИ ҲОМИД МАҲМУД – ИМТИҲОНИ ТАҶРИБАҲО

(Аввалаш дар саҳ.3).

Шароити корӣ хуб набуд. Қисме аз даъватшудагон дар хонаи шиносу хешовандон зиндагӣ мекарданд ё иҷора менишастанд. Соли 1932 роҳбарияти театр ба сохтмони хобгоҳ барои ҳунарпешагон шурӯъ сохт. Бо ҳамин масъалаи манзил то андозае ҳал гардид. Вале барои таҷҳизонидани саҳна маблағ намерасид. Вақти зиёди роҳбари даргоҳ Ҳ. Маҳмудовро масъалаҳои ташкиливу хоҷагӣ мегирифт.

Бо вуҷуди ҳамин ӯ барои гузаронидани дарсҳои маҳорат бо ҷавонон фурсат пайдо мекард. Ба онҳо масхарабозию аскиягӯиро меомӯзонд, аз фолклор, эпос, шарҳ ва тарзи қироати ашъори классикон сабақҳо медод.

«Бой ва Одина», «Зулми охирин», «Ҳаёти нав», «Эшони фиребгар», «Сангинбой», «Исён» барин намоишномаҳо, ки дар репертуари театр ҷой доштанд, аз ҷониби тамошобинон пазируфта шуданд.

Ҳомид Маҳмудов сафарҳои ҳунарии театр ба Киев, Маскав, Ленинград ва Тошкандро низ мувофиқи табъ ташкил менамуд.

Он солҳо як қатор шоиру нависандагони ҷавони тоҷик, аз қабили Мирзо Турсунзода, Ғанӣ Абдулло, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода ва дигарон ба майдони эҷод по ниҳоданд. Ҳ. Маҳмудов аз онҳо хоҳиш мекард дар эҷоди асарҳои саҳнавӣ низ фаъол бошанд. Солҳои 1934–1935 бевосита бо дастгирии вай намоишномаҳои «Ҳукм» (М. Турсунзода), «Саодат» (Р. Ҷалил), «Шараф» (М. Аминзода) ва «Маликаи Турандот» (К. Госси) дар саҳнаи Театри давлатии мусиқию драмавии ба номи Лоҳутӣ ба ҳукми тамошобинон ҳавола карда шуданд.

Таҳти сарпарастӣ ва роҳбарии бевоситаи Ҳ. Маҳмудов Оркестри давлатии асбобҳои миллӣ низ ташаккул ёфт. Дар охири соли 1931 миқдори мутрибони ин оркестр аз 20 нафар мегузашт.

Дар ташкили аввалин анҷумани адибони тоҷик низ Ҳ. Маҳмудов саҳм гирифт. Бо саъйи ӯ консерти ҳукуматӣ барои ширкаткунандагони ин анҷуман дар сатҳи баланд гузашт. Ҳамсараш Аминабону Маҳмудова (1910–1978) шоира буда, дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх», сипас дар маҷаллаи бонувон (ҳоло «Фирӯза») фаъолият бурдааст. Аминабону дар баробари С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Ғ. Абдулло, Р. Ҷалил ва М. Миршакар узви ҳайати садорати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон будааст.

Дар рӯзҳое, ки 100-солагии А. Маҳмудова таҷлил мегашт, қайд карда шуд, ки ӯ яке аз созмондиҳандагони Иттиҳодияи эҷодии нависандагони Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Дар оғози солҳои сиюми асри сипаришуда «Маликаи Турандот» сари забонҳо буд, ки дар театрҳои Аврупо ва гӯшаҳои дигари дунё намоиш меёфт. Коргардон Ҳомид Маҳмудов дар Осиёи Марказӣ аввалин шуда онро дар Театри давлатии драмаи ба номи Лоҳутӣ (1934) ва Театри давлатии мусиқию драмаи Хуҷанд (1935) ба саҳна гузошт. Қоида ва усулҳои мактаби драматургиву намоишҳои саҳнавии Шарқу Ғарб то андозае ҳамоҳангӣ пайдо намуданд.

Ноороми нимаи дувуми солҳои сиюм ҳаёти осудаи хонадони Маҳмудовҳоро низ халалдор сохт. Падари коргардон Ҳ. Маҳмудов Хоҷа Саййид Маҳмуд ибни мулло Масъуд дучори табъид гашт. Ӯ маҷбур шуд ба зодгоҳ баргардад ва дар омӯзишгоҳи педагогии Бухоро ғоибона таҳсил созад (1935–1938). Баъд чун саррежиссёр ва роҳбари бадеии Театри давлатии бачагона, роҳбари бадеии Театри драмавӣ-мусиқавии вилояти Бухоро фаъолият бурд. Солҳои 1942–1943 дар театри шаҳри Қаршӣ кор кард. Сонӣ ба Душанбе баргашт, дар театре, ки асос гузошта буд, фаъолияташро идома бахшид.

Фаъолияти ибратбахши Ҳомид Саидович Маҳмудов (1900–1977)-ро Ҳукумати Тоҷикистон муносиб тақдир кард. Соли 1993 дар пештоқи бинои собиқи Театри давлатии русии ба номи В. Маяковский, соли дуҳазорум дар бинои Театри давлатии мусиқиву мазҳакаи ба номи Камоли Хуҷандӣ ба хотири ӯ, ки бунёдгузори театри касбии тоҷик мебошад, лавҳаи ёдгорӣ гузошта шуд. Соли 1992 яке аз кӯчаҳои шаҳри Душанбе номи Ҳомид Маҳмудовро гирифт. Дар Осорхонаи миллии таърихиву кишваршиносии ба номи Беҳзод (Душанбе) роҷеъ ба фаъолияти Ҳ. Маҳмудов гӯшае ташкил кардааст.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мавриде изҳори сипос ба шахсиятҳои фидоие намудааст, ки ҷои гарму хонаҳои ободи худро дар шаҳрҳои калон тарк намуда, роҳи Душанберо пеш гирифтаанд. Вай дар қатори Садриддин Айнӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Саидризо Ализода, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Миркарим Саидов, Муҳаммадҷон Қосимов ва София Тӯйбоева барин фидокорон номи қаҳрамони лавҳаи мо Ҳомид Маҳмудовро низ зикр кардааст. Айни замон дар меҳрномаҳои Баҳодур Искандаров, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Низом Нурҷонов, Шамсӣ Қиёмов, Ҷалол Икромӣ, Аълохон Афсаҳзод, София Тӯйбоева ва дигарон хидматҳои шоёни Ҳ. Маҳмудов дар пайдоишу равнақи санъати театрии тоҷик хотиррасон карда шудааст. Аввалин Ҳунарпешаи мардумии СССР аз тоҷикон Муҳаммадҷон Қосимови риштонӣ, аз ҷумла, қайд кардааст: «Дар тӯли таърихи ватан халқи тоҷик донишмандону адибони зиёдеро ба олам додааст. Дар ин бобат чизи тозае гуфтани ман муҳол аст. Вале дар таърихи бисёрасраи худ халқи тоҷик ҳунарпешаи касбӣ надошт. Нишон додани истеъдоди худ ва имкони нахустин Ҳунарпешаи мардумии Шӯравӣ дар Осиёи Миёна ва Қазоқистон шудани ман ба туфайли устоди маънавӣ ва дӯстам Ҳомидҷон Маҳмудов муяссар гардид».

**Муҳаммадҷон ШОДӢ.**

# САДОҚАТ БА КАСБ

(Аввалаш дар саҳ.3).




– Ҳа, мулло, ба куҷо? – баъди салому алейк пурсид вай. – «Об дар кӯзаю мо ташналабон мегардем!». Канӣ, ҳуҷҷатҳоро ба ман дода, сӯи мактаб марш!

Абдуфаттоҳ аз чунин ранг гирифтани кор муттаҳайирона ба таълимгоҳ омад. Омӯзгорон ӯро ба иҳота гирифтанд.

– Акнун ба муроди дил расидам, – хурсандона лаб ба сухан кушод Сайфиддин Нарзиев. – Вақти ба нафақа баромаданам расид, аммо аз мактаб дил канда наметавонам. Аз пагоҳ – ба ман ҷавоб.

Абдуфаттоҳ синфи устодашро қабул карда, ба кор пардохт. Аз мактаб ҳам бахт ёфту ҳам тахт. Бо омӯзгори синфҳои ибтидоӣ Гулчеҳра Низомова (рӯҳаш шод бод!) оила барпо карданд ва соҳиби чанд фарзанд шуданд. Қаҳҳорӣ шефтаи кори омӯзгорӣ ва бо ташвишу давутози зиндагӣ нафаҳмид, ки беш аз 50 соли умри худро ба кори таълиму тарбияи насли наврас бахшидааст. Бисёр дастпарварони ӯ мактабро хатм карда, соҳиби маълумот ва кору вазифаҳо шуданд. Ҳоло садҳо нафар шогирдонаш дар соҳаҳои гуногун кор мекунанд. Як гурӯҳ шогирдон аз паи устод рафта, пешаи омӯзгориро интихоб кардаанд. Танҳо дар мактаби рақами 16 беш аз даҳ нафари онҳо дар паҳлӯи устоди худ кор мекунанд.

***

Ба Абдуфаттоҳ одат шудааст, ки хурӯс бонг назада, аз хоб хезад, дастурӯ шуста, то вақти мактабравӣ дар боғ ба дарахтон шакл диҳад, заминро побел намояд. Бо каланду бел худро хеле хушҳол, солим, пурқувват ҳис карда, ба ошхона ворид мешавад. Пас аз тановули наҳорӣ сару либос иваз карда, пиёда ба мактаб меравад.

Гарчанд синни ӯ аз ҳафтод гузашта бошад ҳам, қоматаш шамшод барин рост, ҳаракаташ чолокона аст.

Субҳи пурфайзи имрӯза қалби Қаҳҳориро ба туғён меовард – маҷлиси падару модарон. Аммо вақте ки шогирдони ташнаи донишро пеши назар меовард, дар як кунҷи дили беқарораш эҳсосоти гуворое бедор шуда, аз он ифтихор мекард, ки чанде аз хатмкунандагон аз пайи устод рафта, ҳатто то дараҷаи доктори фанҳои физика-математика расиданд. Яке аз онҳо Ҳасан Шодиев аст, ки ҳоло дар донишгоҳи Торонто (Канада) бо забони англисӣ аз риёзӣ сабақ медиҳад. Шогирди дигараш Бахтиёр Хоҷаев дар бонки Амрико мутахассиси баландихтисос мебошад.

***

Дар толори мактаб хеле волидайн ҷамъ омаданд. Ба қатори дигарон Қаҳҳорӣ низ ба минбар баромад.

– Камина чун дигарон Мурочиатномаи Президентро бо диққат мутолиа намудам, – барафзуд Қаҳҳорӣ. – Президентамон таъкид кардаанд, ки афзудани сифати таълим роҳи ягона ва дурусти тараққиёти Ӯзбекистони Нав аст. Бинобар ҳамин мо, омӯзгорону мураббиён масъалаҳоеро, ки нисбати беҳтар намудани сифати корҳои таълиму тарбия пеш мегузоранд, якдилу якҷон шуда ҳаллу фасл намоем. Мо, муаллимон вазифадор ҳастем, ки дар хонандагон фикри озод ва танқидиву эҷодкориро тарбия намоем. Фарзандону наберагони мо маҳз дар мактаб забонҳои хориҷӣ, касбу ҳунар ва саводхонии компутериро хуб омӯзанд, бунёдгузорони муносиби Ӯзбекистони Нав хоҳанд шуд.

Ва аз байни онҳо пайравони муносиби Ибни Сино, Берунӣ, Хоразмӣ, Форобӣ, Улуғбек барин алломаҳо ба камол расанд.

**Аҳмадҷон СОЛЕЕВ,**
**доктори фанҳои физика-математика,**
**проректори ДДС.**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти САМАРҚАНД.*



*Хидматчиёни масъули идораи ободонии шаҳри Самарқанд баҳри тозагӣ, ободии шаҳр ва амалӣ гардондани корҳои ба нақшагирифта тайёрии ҷиддӣ мебинанд. Дар гармхонаи хоҷагии назди идора барои шинондани гулҳои баҳорӣ зиёда аз 1 миллион кӯчати гул парвариш мекунанд.*

*Алҳол дар гармхонаи номбурда нобаста аз рӯзҳои сарди зимистон зебоии баҳор ҳукмрон мебошад. Ин ҷо баробари парвариши навъи гулҳои зимистона ба монанди виола, қиравгул, гулҳои хризантема, геран, гули тоҷи хурӯс, бананза, салвия, райҳон барои шинондан дар фасли баҳор нашъунамо доранд. Масъулони корхона дар ин рӯзҳо ба мақоли «барака дар ҷойи обод» амал карда, корҳои ободониро дар шаҳри куҳан оғоз намудаанд. Ин руҳият бо баробари гарм шудани ҳаво саросари шаҳри Самарқандро фаро хоҳад гирифт.*

***Дар сурат:*** *дар гармхонаи идораи ободонии Самарқанд таровати баҳор ҳукмрон.*

***Суратгир: А. ИСРОИЛОВ (ЎзА).***

## 21 феврал – Рӯзи байналмилалии забони модарӣ

# НАДОНИСТАНИ ЗАБОНИ МОДАРӢ АЙБ АСТ!

***Забони тоҷикӣ аз забонҳои қадимаи ҷаҳон аст, ки бино бар фидокорӣ ва саъю талошҳои фарзандони фарзонааш дар тӯли асрҳо аз ҳаводиси замона ва аз харобкориҳои бесобиқа эмин мондаву то кунун асолати худро нигоҳ доштааст. Мо – тоҷикон бояд аз он ифтихор кунем, ки чунин як забони ғаниву рангин ва дорои таърихи хеле қадима дорем.***

Аммо ин забони дорои таърихи куҳанро чӣ тавр эҳтиром мекунем? Онро чӣ гуна омӯхтаву чӣ сон бо ҳамон асолаташ ба наслҳои оянда мегузорем? Дар ин самт чӣ корҳоро ба сомон мерасонем?

Чун аз ин хусус биандешем, ин ва ҳамчунин саволҳо зуд зеҳни моро фаро мегиранд. Агар дурусттар биандешем ва ба вазъи кунунии он баҳои ҳаққонӣ бидиҳем, дарк мекунем, ки дар замони истиқлол решаҳои забони мо дар Ӯзбекистон заиф гаштаанд. Чаро? Зеро мо нисбати забони худ зиёд бепарво шудем. Дар боби омӯзишу парвариши он саҳлангорӣ намуда, мактабҳои худро яке паси дигаре аз даст додем. Чунончи, дар замони пеш аз истиқлол дар ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарё 14 мактаби таълимашон соф ба забони тоҷикӣ амал мекарданд. Ҳоло чӣ? Алҳол дар ин ноҳияи тоҷикнишин, ки як замон дабистонҳояш шогирдони хуб тарбият менамуданд ва шоиру нависандагон, олимони бешумораш машҳури даврон гаштаанд, ягон мактаби таҳсилоташ пурра ба забони тоҷикӣ вуҷуд надорад. Ин дар ҳолест, ки дар ноҳияи ҳамҷавори мо – Деҳқонободи вилояти Қашқадарё 28 мактаби соф тоҷикӣ то имрӯз амал мекунанд. Мутаассифона, дар деҳаҳои Кӯшкак, Сариосиё, Авлод, Сайроб, Дарбанд, Бибиширин, Пасурхӣ ва боз чандин деҳкадаҳои кӯҳпораи Бойсун, ки тоҷикон дастаҷамъона зиндагӣ мекунанд, мактабҳо тағйири забони таълим карданд. Ҳарчанд, дар бархе аз ин макотиб синфҳои тоҷикӣ вуҷуд доранд, ҳоли онҳо низ хеле бад буда, гӯё рӯйи қил қарор доранд. Чаро чунин ҳол рух дод? Яке аз сабабҳои асосии он эътироф нагардидани дипломҳои донишгоҳу донишкадаҳои Тоҷикистон, ки дар замони истиқлол ҳама он ҷо рафтаву таҳсил мегирифтанд, мебошад.

Аз нигоҳи ман якчанд омил вуҷуд доранд, ки ба пойдории забони мо мусоидат мекунанд.

Аввалан, дар ҳама деҳаҳои тоҷикнишин ба таври фаврӣ ташкил намудани муассисаҳои таълими томактабӣ ба забони тоҷикӣ аст. Бигзор онҳо дар навбати аввал оилавӣ, яъне ғайридавлатӣ бошанд. Зеро ҳукумати ҷумҳурӣ хушбин аст, ки дар маҳалҳо кӯдакистонҳо кушода шаванд. Мо – тоҷикон низ бояд дар канор намонда, сари ин масъала фавран биандешем. Дар деҳаи Кӯшкаки ноҳияи Бойсун чунин як боғчаи оилавии ғайридавлатиро кушодем, ки он ҳоло барои кӯдакони маҳал ба забони тоҷикӣ таълими аввалияро фароҳам сохтааст. Роҳҳои ташкил намудани чунин боғчаро камина дар як навиштаи худ бо номи «Чӣ тавр боғчаи тоҷикӣ ташкил намудем?», ки дар шумораи 7-уми феврали соли ҷории «Овози тоҷик» дарҷ гардид, нишон додаам. Таҷриба собит сохт, ки агар мо худ бихоҳем, касе монеаи ташкил додани боғчаҳои тоҷикӣ намегардад.

Баъдан, хатоҳои рафтаро ислоҳ намуда, он дабистонҳоро ба забони таълими азалиашон – тоҷикӣ баргардонем. Дар ин кор зиёиён, хоса муаллимон бояд саъй кунанд. Аз идораҳои мутасаддӣ бояд дархост намуд, ки соатҳои дарсии фанҳои забон ва адабиёти тоҷикро дар мактабҳои ба ин забон зиёд кунанд. Агар фарзандони мо дар мактаби худ таълими забон ва адабиёти тоҷикро ба таври бояду шояд фаро нагиранд, забони худро чӣ тавр омӯзанд?

Мо – тоҷикон низ дар бунёди Ӯзбекистони нав саҳим ҳастем. Дар моддаи 4-уми Сарқонуни Ӯзбекистон, ки ҳаққи раъяш дар гардани мо ҳам ҳаст, чунин сатрҳоро мехонем, ки ҳуқуқҳои моро чун оина инъикос мекунад: «Забони давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон забони ӯзбекӣ мебошад. Ҷумҳурии Ӯзбекистон эҳтироми забон, урфу одат ва анъанаҳои миллату халқҳои дар ҳудуди худ истиқоматкунандаро таъмин менамояд ва ба пешравии онҳо шароит фароҳам меорад.» Ҳамчунин дар моддаи дуюми «Қонун дар бораи забони давлатӣ» омадааст: «Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба забони давлатӣ ва забонҳои дигари ҳудуди худ гирифтани маълумоти миёна, миёнаи махсус ва олиро таъмин мекунад». Мо бояд аз имконият, ки қонунҳо фароҳам овардаанд, бархурдор бошем.

Президенти кишварамон дар Муроҷиатномааш ба Олий Маҷлис ва мардуми ҷумҳурӣ дар авохири моҳи декабри соли 2022 таъкид кард, ки аз ин баъд ба замони модарӣ эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Ба андешаи раҳбари давлат дар оянда донистани забонҳои хориҷӣ барои пешрафти кишвар хеле заруранд, аммо омӯхтани забони модарӣ ҳатмӣ ва чун обу ҳаво зарур аст. Пас, мо тоҷикон ҳам бояд забони модарии худро эҳтиром карда, ба таври бояду шояд биомӯзем.

Надонистани забони модарӣ айб аст. Агар ин айбро эҳсос ва дарк кунем, ҳаргиз нисбати забони худ бепарво намешавем.

**Ғаффор НОРБОЕВ,**
**раиси Маркази миллии маърифат ва санъати тоҷикони ноҳияи Бойсун.**

***Ҳокими вилояти Сурхондарё Улуғбек Қосимов дар доираи мулоқотҳое, ки бо мутахассисон ва шаҳрвандон дар ҷойҳо мегузаронад, муаммоҳои мавҷударо амиқ омӯхта, пайи бартараф намудани камбудиҳо ба мутасаддиён тавсияҳои зарурӣ медиҳад ва нисбати раҳбарони бемасъулият чораҳои қатъӣ меандешад.***

# ҲАЛЛУ ФАСЛИ МУШКИЛОТИ ШУҒЛ

Дар давоми ташрифи ҳоким ба ноҳияи Бойсун, ки дар вилоят яке аз ҳудудҳои қафомонда ба ҳисоб меравад, камбудиҳо таҳлил карда шуд. Дар ноҳия яке аз мушкилоти асосӣ бо ҷойи кор таъмин набудани аҳолӣ маҳсуб меёбад. Азбаски саноати сабуку вазнин, сохтмон, истеҳсолот хуб ривоҷ наёфтааст, ин муаммо то ҳанӯз боқист. Инро ҳоким кушоду равшан иброз дошт. Масъалаҳои бошуғл таъмин намудани 1408 нафар ҷавонони бекор пешбинӣ шуд.

Ҳоло дар кони бузурги гази ноҳия корҳои тармиму таъмир оғоз гардидааст. Барои корхона устоҳои моҳир зарур. Дар айни замон дар ин корхона 600-то ҷойи кори нав бунёд ёфтааст. Аз ҳисоби ҷавонони интихобгардида 600 нафарашон маҳз дар ҳамин корхона ба кор қабул хоҳанд шуд. Ба масъулон супориш дода шуд, ки дар муддати 10 рӯз ҷавононро ба кор қабул намуда, барояшон ҳама шароитро муҳайё созанд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

## *Донистан хуб аст*

# ЛАҒМОНИ ЗУДТАЙЁРШАВАНДА БА ОРГАНИЗМ ЧӢ ЗАРАР ДОРАД?

Лағмони зудтайёршаванда метавонад боиси бемориҳои дилу рагҳо гардад. Дар ин бора гастроэнтеролог Евгения Белоусова хабар дод.

Мутахассис таъкид мекунад, ки лағмонҳои зудомодашавандаро ҳангоми истеҳсол дар равғани нахл бирён карда хушк мекунанд, ки дар натиҷа намуд ва намии маҳсулот тағйир меёбад.

– Равғани нахл аз кислотаҳои равғанин бой аст. Организм онро пурра азхуд карда наметавонад, бинобар ин равғани нахл дар девори рагҳои хун гард ҷой мегирад. Ин метавонад боиси бемориҳои ҷиддии дилу рагҳо гардад, – гуфт Белоусова.

Ба гуфтаи гастроэнтеролог, дар таркиби макарон орди тухм мавҷуд мебошад, ки манбаи углеводҳо буда ва он боиси афзоиши вазн мегардад.

Инчунин, ба макарон консервантҳои ғайритабиии тамъдиҳанда, ғафскунанда ва дигар иловаҳои ғизоӣ ҳамроҳ карда мешавад, ки ба организм зарароваранд, гуфта мешавад дар сайти rambler.ru.

# ЧАРО ФИШОРИ ХУН «БОЗӢ МЕКУНАД»?

Фишори хун яке аз нишондиҳандаҳои асосии саломатии инсон буда, мубодилаи моддаҳоро дар бофтаҳои бадан таъмин мекунад. Аз ин рӯ, кам ва зиёд шудани он аз меъёр метавонад ба саломатӣ зарар расонад.

Аммо, баъзе одамоне ҳастанд, ки дар онҳо фишори артериалӣ тез-тез «бозӣ мекунад». Пас ин аз чӣ вобаста аст?

Ба ин савол шифокори тоифаи олӣ Раъно Носирова ҷавоб дод.

– Дар ҳақиқат, фишори хуни баъзе одамон аксар вақт якбора паст мешавад ва гоҳе баланд мешавад, – мегӯяд мутахассис.

– Дар ҳар ду ҳолат ҳам шахс худро бад ҳис мекунад. Ба ин бошад, одатан дистонияи вегетативии рагҳои хун, яъне васеъ ё танг шудани онҳо сабаб мегардад.

Илова бар ин, аз меъёр зиёд нӯшидани қаҳва, стресс ва кори барзиёди ақлӣ, бехобии давомнок, тағйироти эндокринӣ, истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ, ихтилоли психо-эмотсионалӣ ва тағйирёбии обу ҳаво низ боиси афзоиш ё пастшавии фишори хун мегардад.

Ғайр аз ин, чунин вазъ дар бемориҳои занона, давраҳои муайяни ҳомиладорӣ, тағйироти гармоналӣ ва ғизои нодуруст мушоҳида мешавад.

Бинобар ин, пеш аз ҳама омилеро муайян кардан лозим аст, ки боиси зуд-зуд тағйир ёфтани фишори хун мегардад ва барои ин ба духтур муроҷиат кардан лозим аст. Муоинаи ташхисие, ки аз тарафи мутахассис таъин шудааст, барои муайян кардани сабаби аслии чунин ноустуворӣ кумак мекунад.

Инчунин, ғизои солим ва ташкили дурусти реҷаи ҳаррӯза барои зери назорат нигоҳ доштани фишори хун мусоидат мекунад.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-225. Адади нашр 4601 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 03.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.